«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор
_______ Хушвахтзода Қ. Х.
«_____» ___03___2023с.

Хулосаи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи **«Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ – фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ»**, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи ичтимоӣ, дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа ичро шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ аз 28.02.2020, суратмаҷлиси №8/6.2. тасдиқ гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна ҳамчун аспиранти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба ҳисоб мерафт. Номбурда аз соли 2014 то имрӯз дар вазифаи устоди калони кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва хуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият мекунад. Соли 2007 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фалсафа хатм кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д. мебошад.

Кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа дар асоси баромади муқарризон ва муҳокимаи аъзои кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсяи Бердиёрова Г.И. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он

мустақилона ичро гардида, дорои натичаҳои арзишманди илмӣ мебошад. Дар рафти тадқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои фалсафӣ истифода намуда, масъалаҳои муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми ичтимоӣ-фарҳангии чомеаи Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, натичаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Қайд бояд намуд, ки дар диссертатсия асосҳои методологии таҳқиқот ба таври илмӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Мафҳумҳои асосии таҳқиқот - муколамаи фарҳангҳо, таҳаввулот, низоми ичтимоӣ, низоми фарҳангӣ, арзишҳои ахлоқӣ, принсипи дунявият, давлати миллӣ, арзишҳои фалсафӣ ва ғ. тавассути ассонок намудани асосҳои илмӣ – методологӣ таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсия, муаллиф аз мачмуи методҳо, принсипҳо ва муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат, аз чумла методи таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, низомнокӣ, муносибати байнифаннӣ, ки бо соҳаи фалсафаи ичтимоӣ иртибот дорад мавриди истифодаи васеъ қарор дода шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур омӯзиш ва таҳқиқ кардани асосҳои илмӣ –методологии масъалаи муколамаи фарҳангҳо ва муайян намудани нақши Чумҳурии Тоҷикистон дар тавсеа ва таҳкими он мебошад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натичаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар мачаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз чониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, чанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назарияивиу амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он кӯшиш карда шудааст, то дар асоси хулосаю тависяҳои амалӣ, таҳлили ҳолати таҳқиқоти масъалаи муколамаи фарҳангҳо дар фалсафаи иҷтимоӣ барои дарки моҳияти назарияи гуфтугуи тамаддунҳо, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи тоҷикон дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо, нақши гуфтугуи тамаддунҳо дар эҷоди сулҳи тоҷикон, пешгирӣ аз зуҳури ҳаракатҳои ифротӣ ва террористиро анҷом диҳад. Дар диссертатсия ба масъалаҳои меҳварӣ, ки чун навоварӣ эътироф мегардад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона гардидааст. Навоварии таҳқиқоти мазкурро мухтасаран метавон чунин баён намуд:

- таҳлили генезиси гуфтугуи фарҳангҳо дар доираи анаъанаҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ ба иҷро расида, нишон дода шудааст, ки дар фалсафаи иҷтимоӣ дарки табиати шаклҳои муколамаи фарҳангӣ ва контекстҳои муколама дар ташаккули шуури иҷтимоӣ-фарҳангӣ чӣ гуна тағйир ёфтаанд;

- рушди ҳаёти муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар контексти ҷаҳонишавӣ тавассути диалектикаи глобалӣ ва маҳаллӣ, дифференсиалӣ ва интегралӣ, қонунӣ ва маргиналӣ пешниҳод карда мешава;

- нишон дода шудааст, ки муколама роҳи барқароршавии вахдати маънавӣ дар сатҳи байнишахсӣ ва фарҳангӣ мебошад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ муколамаи фарҳангҳо омили пешбарандаи ҳифзи якпорчагии фазои фарҳангӣ мебошад;

- асоснок карда шудааст, ки усутура, осори насрию назмӣ ва фалсафии тамоили ахлоқӣ ва инсоншиносӣ доштаи мутафаккирони тоҷику форс оид ба пайдоиши олам, низоми коинот, ҳикмати давлатдорӣ ва оиладорӣ дар ташаккул ва тавсеаи гуфтугӯи тамаддунҳо ба сифати сарчашмаи назарифвӣ ва амалӣ хизмат кардаанд;

- муқаррар шудааст, ки дар шароити рафъи буҳрони маънавиёт ва ҳифзи якпорчагии фарҳанги ҷомеаи Тоҷикистон муколама шакли

созандаи муносибатҳои байнифарҳанги халқҳои муқими он ва роҳи беҳтарини ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоии онҳо мебошад;

- таҳқиқ карда шудааст, ки дар давраи истиқлолият мактаби давлатдории миллӣ дар асоси низоми дунявият идоракунии тамоми сохторҳои ҷомеаро ба роҳ монда, ифротгарой ва зуҳури ҳаракатҳои террористиро, ки дар заминаи низоъҳои динию мазҳабӣ ва миллӣ пайдо шуда, идеологияи онҳо раванди бархӯрди тамаддунҳоро метезонад, вабои ҷомеаи инсонӣ мебошанд.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро низ метавон дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ намуда, онҳоро барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи иҷтимоӣ, фарҳангшиносӣ, сотсиология ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ тавсия намуд. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни фалсафаи иҷтимоии тоҷик дар замони муосир низ истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

[1-М] Бердиёрова Г.И. Нақш ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар таърихи гуфтугӯи фарҳангҳо//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2707-9996, 2022. - №2. - С.164-171.

[2-М] Бердиёрова Г.И. Саҳми тоҷикон дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ ва ташаккули муколамаи фарҳангҳо//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. ISSN 2707-9996, 2022.- №1. - С.140-145.

[3-М] Бердиёрова Г.И. Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбии муколамаи фарҳангҳо//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. ISSN 2710-4672, 2021. - №2(2[illegible] - С.109-113.

[4-М] Бердиёрова Г.И. Нақши муколамаи фарҳангҳо дар эҷод ва ҳифзи сулҳ дар Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2074-1847, 2022.- №8.- С.173-179.

[5-М] Бердиёрова Г.И. Рисолати фарҳангофарӣ ва андешаи таҳаммулгароии тоҷикон дар ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2074-1847, 2023.- №3.- С.138-145. (Ҳаммуаллиф: Самиев Б.Ҷ.).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, мавзуи мубрами ҷомеаи муосирро интихоб, мақсад ва вазифаҳоро муайян, объек ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурустии илмӣ мушаххас намояд. Ҳамчунин, маводи зиёди илмиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Муаллифи диссертатсия мафҳум ва муколамаи фарҳангҳо»-ро дар ба таври илмӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун замина  ва шарти муҳимми ташаккул ва таҳкими арзишҳо, ба монанди таҳаммулпазирӣ, эхтиром, кӯмаки тарафайн, шафқат вағайра мебошад. Қайд мекунад, ки муколамаи фарҳангҳо бояд ба ҳамбастагӣ ва ғанӣ кардани фарҳанги шахсиятҳо, тавсеаи муколамаи маънавӣ ва фарҳангӣ, рушди арзишҳои умумиинсонӣ равона карда шавад. Гузориши масъалаи “муколамаи фарҳангҳо” аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки он нақши мероси фарҳангии инсоният, ҳамкориҳои фарҳангӣ ва тамаддуниро, ки дар раванди таърихии ҷомеаи инсонӣ ва дар раванди ташаккули мустақилонаи фарҳанг ва тамаддун [illegible] орад бо маҳорати баланди илмӣ таҳлил намудааст.

Номи мавзӯъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.[illegible] - фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз [illegible] декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи «Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми ичтимоӣ – фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон» аз рӯйи мазмуну мундарича бо ихтисоси 09.00.11-фалсафаи ичтимоӣ пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро инъиткос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи «Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми ичтимоӣ – фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон» аз рӯйи мазмуну мундарича бо ихтисоси 09.00.11-фалсафаи ичтимоӣ таҳқиқоти мустаъқилона ва анҷомёфта буда, ба даври дуюми экспертизаи муассиса пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ 25 феврали соли 2023 қабул гардид.

Дар маҷлис 9 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 9 нафар; зид - нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №8 аз 25. 02. 2023.

Мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент — Ҳаитов Ф.Қ.

Котиб, муаллими калон — Калонзода Ф.И.

Имзои Ҳаитов Ф.Қ.
ва Калонзода Ф.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.